**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих доир ба ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ)**

Парвандаи аттестатсионии № ________________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10.10.2025, №5

**Барои сазовор донистани Юсуфиён Манзураи Мансури, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**

Диссертатсияи **Юсуфиён Манзураи Мансури** дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Кӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2024, таҳти №443/шд) 1-уми августи соли 2025, суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Юсуфиён Манзураи Мансури 24-уми октябри соли 1984 дар шаҳри Сарбанди вилояти Хатлон таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик мебошад. Ӯ аз соли 1992 то соли 2002 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и шаҳри Сарбанд таҳсил намудааст. Номбурда соли 2002 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси Таърих ва ҳуқуқ тариқи квотаи президентӣ дохил шуда, онро соли 2007 хатм намудааст. Ӯ солҳои 2009 - 2012 дар зинаи магистратура аз рӯйи ихтисоси таърих таҳсил намудааст. Фаъолияти кориашро аз соли 2007 дар кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оғоз намуда, айни ҳол ба ҳайси омӯзгор дар кафедраи таърихи умумӣ фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Доктори илмҳои таърих, профессор Алимов Давлаталӣ Халилович мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Акрамов Зикриё Иномович** – доктори илмҳои таърих, профессор, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

2. **Абдураҳмонов Зевар Вафоназарович** - номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи ҷомеашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи А. Сино», аз рӯйи ихтисоси (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Тақризи МДТ «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Тақризи муассисаи пешбар МДТ «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба диссертатсияи Юсуфиён Манзураи Мансури дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) бо имзои **раиси ҷаласа** номзади илмҳои таърих, дотсент, декани факултети дипломатия ва сисёсат Маҳмадзода У.Д. ва **эксперт,** муаллими калон, **котиби илмии ҷаласаи** кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ Алуев А.С. омода гардида бо имзои ректори донишгоҳ номзади илмҳои педагогӣ, дотсенд Сафарзода Д.Ч. аз 16- уми сентябри соли 2025 тасдиқ шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии **Юсуфиён М.М**. дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси (07.00.02 - Таърихи ватанӣ), сазовор мебошад.

Муассисаи пешбар мазмуни диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуда, дар баробари он баъзе камбудиҳои диссертатсияро низ зикр кардааст, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳқиқоти оянда хоҳад буд:

Юсуфиён Манзураи Мансури муаллифи 16 интишорот, аз ҷумла 7 мақолаи тақризшаванда оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ буда, дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат ва суханронӣ намудааст.

1. **Юсуфиён М.М.** Улучшение состояние здравоохранения переселенческих хозяйств в Вахшской долине (1930-1950 гг.) / М.М. Юсуфиён, Д.Х. Алимов // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №5. – Ч.1. – С.148-150.

2. **Юсуфиён М.М.** История образования Наркомата здравоохранения Таджикской АССР / М.М. Юсуфиён // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №9. – С.79-83.

3. **Юсуфиён М.М.** Становления и развитие здравоохранения в южных районов Таджикистана (20-70-е гг. XX в.) / М.М. Юсуфиён // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №9. – С.141-144.

4. **Юсуфиён М.М.** История становления и развитие органов здравоохранения в Хатлонской области Республики Таджикистана (30-80-е гг. XX в.) / М.М. Юсуфиён, Д.Х. Алимов // Муаррих. – 2021. – №1. -С.21-26.

5. **Юсуфиён М.М.** Дальнейшее развитие органов здравоохранения в южных районах Таджикистана (50-70-е гг. XX в.) / М.М. Юсуфиён, Д.Х. Алимов // Вестник Таджикского национального университета. – 2021. – №8. – С.48-53.

6. **Юсуфиён М.М.** Аз таърихи тибби халқи тоҷик / М.М. Юсуфиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - №8. - С.62-65.

7. **Юсуфиён М.М.** Строительства первых медицинских учреждений в Курган-Тюбинской области в 1924-1939 гг. / М.М. Юсуфиён // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. – №9. – С.72-79.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати **Юсуфиён Манзураи Мансури** ворид шудаанд:

1. **Алимшоев Мамадризо** – номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи таърихи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев». Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.
2. **Дяченко Наталья** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумии «Донишгоҳи давлатии омузгории Олтойи ФР». Тақриз мусбат аст.
3. **Комилзода Н.Н.**– номзади илмҳои таърих, декани факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ Тақриз мусбат мебошад.
4. **Назаров Насриддин** - доктори илмҳои таърих, фалсафӣ ва сиёсӣ, профессори Донишгоҳи давлатии забони ӯзбекӣ ва адабиёти ба номи Алишери Навой. Тақриз мусбат аст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърих буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мӯҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

- дар рисола бори аввал вазъияти тибби тоинқилобӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар ин давра мавриди таҳлил гузошта мешавад. Дар баробари ҳамин таъсири ин бемориҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ва таъсисёбии системаи тибби замонавӣ нишон дода мешавад;
- вобаста ба вазъияти давраи солҳои 20-уми асри XX дар рисола бори аввал қаҳрамонии табибони он давра дар хусуси мубориза бо бемориҳои сироятӣ таҳлил гардида, нақши табибони ҳарбӣ дар таъсиси тибби муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст;
- дар баробари ин дар рисола раванди гузариши соҳаи тиб аз давраи аморати Бухоро то ба давраи шуравӣ таҳлил шуда, аҳамияти ин раванд аз нуқтаи назари илмӣ нишон дода мешавад;
- таҳлили рушди соҳаи тиб дар замони шуравӣ нишон медиҳад, ки нақши асосиро дар ин самт мутахассисон бозидаанд ва аз ҳамин лиҳоз дар рисола бори аввал тарзи тайёр намудани мутахассисони соҳаи тиб ва нақши онҳо дар таъсиси соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппа муайян карда мешавад;
- дар рисола саҳми кормандони тибби дигар халқу миллатҳо низ оварда мешавад, ки номи онҳо бори аввал дар саҳифаҳои таърих сабт гардиданд.
- дар рисола фаъолияти онҳо зина ба зина нишон дода мешавад ва дар баробари ҳамин хизматҳои онҳо барои барпо кардани соҳаи тибби минтақаи Қӯрғонтеппа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;
- дар рисолаи мазкур бори нахуст далелҳои муқоисавӣ дар хусуси хуруҷи бемориҳои сироятӣ дар вилояти Қӯрғонтеппаи Тоҷикистон дар муқоиса бо вилоятҳои ҷумҳурӣ ва инчунин Ҷумҳурии Ӯзбекистон оварда шуданд. Чунин таҳлили муқоисавӣ имкон медиҳад, ки сатҳи рушди тиб дар ин ҷумҳуриҳо мавриди муқоиса гузошта шавад;

- дар кори илмии мазкур бори нахуст даврабандии қаламҳои мутахассисони маҳаллӣ ба соҳаи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шуравӣ оварда шуда, хизматҳои онҳо ба таҳлили ҳаматарафа гузошта шуд;

- дар рисола бори аввал дар доираи илми таърих раванди инкишофи соҳаи тиб дар минтақаи Қӯрғонтеппа мавриди таҳлил қарор гирифт ва дараҷаи омӯзиши ин соҳа аз тарафи олимони таърих ва дигар соҳаҳои илм оварда мешавад;

- ҳамчунин сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи таъсисёбӣ ва фаъолияти соҳаи тиб дар даврaҳои мухталифи рушди ин соҳа, мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтанд;

- натиҷаҳои дар рисола овардашуда имкон медиҳанд, ки бори нахуст таърихи рушди соҳаи тиб дар миқёси минтақаи алоҳида барои таҳқиқоти минбаъда ба роҳ монда шавад ва ин интихоби рафти таҳқиқот имкон медиҳад, ки рушди соҳаи тиб амиқ ва чуқур омӯхта шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст:**

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки дар рафти он маълумотҳои зиёд дар бораи таърихи тибби Тоҷикистон, ки то ба ин дам таҳқиқ нашудаанд, ҷамъоварӣ гардида, дар шакли рисолаи илмӣ ба тасвиб расонида шуданд. Инчунин рисолаи мазкур аҳамияти методологӣ дорад, ки барои таҳқиқотҳои минбаъда роҳҳои таҳқиқ ва усулҳои корро нишондод менамояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ–назарявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Дар он аст, ки вай дар давоми таҳқиқот аз сарчашмаҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботҳои ташкилотҳои давлатӣ ва дигар маводҳои муътамад истифода карда, саҳифаҳои номаълуми корнамоиҳои кормандони соҳаи тибби собиқ вилояти Қӯрғонтеппаро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба сифати далелҳои таърихӣ ҳамчунин аз тарафи диссертант таҳқиқотҳои саҳроӣ гузаронида шуданд, ки дар натиҷаи онҳо бевосита аз шахсони маъруф ва иштирокчиёни воқеаҳои таърихӣ факту рақамҳои қаблан номаълум дарёфт гардиданд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 10- уми октябри соли 2025 оид ба сазовор донистани Юсуфиён Манзураи Мансури дар мавзуи

«Ташаккул ва инкишофи соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 9 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Қурбонов Б.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҷалилов М.Ш.**

“10” октябри соли 2025
ЧМ